Замимаи №1
Бо фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 21 » 01 соли 2021
тасдиқ карда шудааст.

**Тартиби**
**додани дастрасӣ ва истифодабарии модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии «Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз» аз ҷониби кормандони мақомоти андоз, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои қарзӣ**

## 1. Мукаррароти умумӣ

1. Тартиби додани дастрасӣ ва истифодабарии модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии «Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз» аз ҷониби кормандони мақомоти андоз, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои қарзӣ (минбаъд - Тартиб) тибқи талаботи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби истифодабарии самаранок ва мақсадноки барномаи компютерии «Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз»-ро (минбаъд - СМИИА) аз ҷониби кормандони мақомоти андоз, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои қарзӣ муайян менамояд.

2. Дар Тартиби мазкур истилоҳоти зерин истифода шудаанд:

- «Дастрасӣ» - усул ва воситаи пайвастшавии истифодабаранда бо барномаи компютерии СМИИА;

- «Истифодабаранда» - корманди макомоти андоз, намояндагони ваколатдори вазорату идораҳо ва андозсупорандагон, ки ба онҳо барои истифодабарии модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии СМИИА дастрасӣ таъмин карда шудааст;

- «Логин» (Login) - номгӯи мухтасари баҳисобгирифташудаи “истифодабаранда” ба ҳисоб рафта, муносибат ва ҳуқуқҳои дастрасии “истифодабаранда”-ро муайян менамояд;

- «Рамз» (пароль *-parole)*- маҷмӯи аломатҳо ё калимае мебошад, ки барои тасдиккунӣ ва ҳуқуқҳои дастрасии «истифодабаранда»-ро ба истифодабарии модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии СМИИА муайян менамояд. Рамз барои таъмини бехатарии маълумот ва пешгирии дастрасии беиҷозат истифода мешавад.

2.Тартиб ва қоидаҳои таъмини дастрасии
кормандони мақомоти андоз ба истифодабариимодулҳои алоҳидаи барномаи компютерии СМИИА

3. Дастрасии кормандони мақомоти андоз ба истифодабарии модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии СМИИА аз ҷониби КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» дар асоси фармоиши ба мансаб таъин намудани корманд ва дастурамали мансабии ӯ таъмин карда мешавад.

4. Ба кормандони мақомоти андоз барои истифодабарии барномаи компютерии СМИИА вобаста ба мансаби ишғолнамуда ва дастурамали мансабӣ (тибқи замимаи № 1-и Тартиб) се намуд дастрасӣ дода мешавад:

- барои азназаргузаронии маълумотҳо дар модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии СМИИА;

- барои азназаргузаронӣ, ворид, хориҷ намудани маълумотҳо, инчунин ворид намудани тағйиру иловаҳо ба маълумотҳо дар модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии СМИИА;

- барои азназаргузаронӣ, таҳлил ва коркарди маълумотҳои барномаи компютерии СМИИА.

5. Ҳангоми ба мансаб таъин намудани корманд, дар давоми як рӯз нусхаи фармоиш аз тарафи хадамоти кадрӣ ба КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» ирсол карда шуда, дар мӯҳлати як рӯз корманди мазкур бо "логин" ва "рамз" ("парол") барои истифодабарии модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии СМИИА таъмин карда мешавад.

6. "Логин" ва "рамз" ("парол") такрорнашаванда буда, истифодабарии як "логин" аз ҷониби дигар корманди мақомоти андоз қатъиян манъ мебошад.

7. "Логин" тариқи системаҳои ҳифзи иттилоот ташаккул дода шуда, ба корманди мақомоти андоз як маротиба таъмин карда мешавад ва дар ҳолати ҷойивазкунии корманд "логин" тағйир дода намешавад. Дар мавриди ҷойивазкунии корманд, танҳо дастрасӣ ба истифодабарии модулҳои алоҳидаи барномаи компютерӣ вобаста ба мансаби ишғолнамудаи корманд таъмин карда мешавад.

8. Баъди ба иҷрои ухдадориҳои мансабӣ оғоз намудани корманди нав таъиншуда, ҷойивазкунӣ ва ё иваз шудани минтақаи хизматрасонии корманд дар асоси фармоиши сардори мақомоти ҳудудии андоз оид ба вобаста намудани корманд ба минтақаи муайяни корӣ ва андозсупорандагони мушаххас додани дастрасӣ ба истифодабарии барномаи компютерии СМИИА аз ҷониби сардорони шуъба (бахш)-и баҳисобгирии даромадҳои мақомоти ҳудудии андоз анҷом дода мешавад.

9. Ба сардорони мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати амалӣ намудани назорати умумӣ аз болои фаъолияти зердастон ва андозсупорандагон додани дастрасии умумӣ барои азназаргузаронӣ

дар барномаҳои компютерии СМИИА иҷозат дода мешавад.

10. Ҳангоми аз мансаби ишғолнамуда озод намудан ё ҷойивазкунии корманд бо мақсади саривақт қатъ намудани дастрасии корманд ба истифодабарии барномаҳои компютерии СМИИА бо таври хатмӣ худи ҳамон рӯз нусхаи фармоиш оиди озод намудан аз мансаби ишғолнамуда аз ҷониби хадамоти кадрӣ ба КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» дастрас карда мешавад.

11. Ҳангоми аз иҷрои вазифаҳои мансабӣ дур кардани корманд бо сабаби ошкор кардани қонунвайронкунӣ, гузаронидани санҷишҳои хизматӣ ва дигар ҳолатҳои номатлуб воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадоранд, ки оиди қатъ намудани дастрасии корманд ба истифодабарии барномаи компютерии СМИИА ба роҳбарияти Кумитаи андоз ва КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» муроҷиат намоянд.

12. Ҳангоми бо сабабҳои узрнок (рухсати меҳнатӣ, беморӣ, такмили ихтисос ва ҳоказо) дар кор ҳузур надоштани корманд, сардорони мақомоти худудии андоз вазифадоранд, ки дар давоми як рузи корӣ муваққатан дастрасии шахси дар минтақаи корӣ ҳузурнадоштаро ба барнома маҳдуд намуда, дастрасии барномаро ба шахсе, ки андозсупорандагон ӯ муваққатан вобаста гардидаанд, вобаста намоянд.

13. Барои иҷрои вазифаҳое, ки ба фаъолияти кории кормандони мақомоти андоз алоқаманд мебошанд, дар асоси фармоиши ба мансаб таъин намудани корманд аз ҷониби КВД “Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз” “дастрасӣ” барои истифодабарии хизматии почтаи электронӣ таъмин карда мешавад.

Истифодабарии почтаи электронии Кумитаи андоз барои мақсадҳои дигар манъ мебошад.

14. Бо мақсади таъмини бехатарӣ ва хуруҷи маълумотҳои барномаи компютерии СМИИА КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» вазифадор аст, ки “рамз” (“парол”)-и корманди мақомоти андозро оид ба дастрасӣ ба истифодабарии барномаи компютерӣ ҳар аввали моҳ иваз намуда, оиди рамзи нав ба воситаи телефони мобилӣ тариқи “SMS-паёмак” огоҳ намояд.

## 3.Тартиб ва қоидаҳои таъмини дастрасии намояндагони ваколатдори вазорату идораҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ба истифодабарии модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии СМИИА

15. Дастрасӣ ва истифодаи модули алоҳидаи барномаи компютерии СМИИА «Бақайдгирии андозсупорандагон» ба кормандони масъули Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ва созишномаи сетарафаи ҳамкорӣ мувофиқи принсипи «Равзанаи ягона» амалӣ карда мешавад.

16. Истифодабарии модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии СМИИА аз ҷониби намояндагони ваколатдори вазорату идораҳо ва ташкилотҳои қарзӣ дар асоси созишномаҳо оид ба ҳамкорӣ ва табодули маълумот байни Кумитаи андоз ва вазорату идораҳо, инчунин ташкилотҳои қарзӣ амалӣ карда мешавад.

Иҷрои созишномаҳо оид ба ҳамкорӣ ва табодули маълумот, инчунин тартиби дастрасӣ ба азназаргузаронии модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии мақомоти андоз дар протоколҳои техникии тарафҳо мушаххас муқаррар карда мешаванд.

17. Дастрасӣ ба намояндаи (ва ё намояндагони) ваколатдори вазорату идораҳо ва ташкилотҳои қарзӣ дар асоси муроҷиати хаттии роҳбари аввали онҳо бо иҷозати роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» дода мешавад.

18. Ба намояндаи (ва ё намояндагони) ваколатдори вазорату идораҳо ва ташкилотҳои қарзӣ аз ҷониби КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» “логин” ва “рамз” (“парол”) такрорнашаванда оид ба дастрасӣ ба истифодабарии барномаи компютерӣ дода шуда, тибқи тартиби муқарраргардида “рамз”(“парол”) ҳар аввали моҳ иваз карда шуда, оиди рамзи нав ба воситаи телефони мобилӣ тариқи “SMS-паёмак” хабар ирсол карда мешавад.

## 5. Масъулияти кормандони мақомоти андоз, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои қарзӣ барои истифодабарии барномаи компютерии СМИИА

19. Кормандони мақомоти андоз ва намояндагони ваколатдори вазорату идораҳо ва ташкилотҳои қарзӣ дар ҳолати иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани муқаррароти Тартиби мазкур, риоя накардани сирри давлатӣ, хизматӣ, андозӣ, тиҷоратӣ ва бонкии бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда, инчунин сӯиистифода аз мансаби хизматӣ ва дигар амалҳои зиддиҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ ё ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Замима №1
Бо Фармоиши Раиси Кумитаиандози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 21 » 01 соли 2021, №36

**Таъмини дастрасии кормандони мақомоти андоз ба истифодабарии барномаҳои компютерии «Системаҳои муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз»**

| № | Номгӯи модулҳои СМИИА | Мансаб, вазифа | Шакли дастрасӣ (доступ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Модули «Равзанаи ягона» | Сардор, муовини сардор ва мутахасиссони Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андоз | Азназаргузаронӣ |
| | | Сардорони шуъбаҳои бақайдгирӣ дар ВМКБ, Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе | Азназаргузаронӣ |
| | | Мудирони бахш ва мутахассисони бахшҳои бақайдгирӣ дар шаҳру ноҳияҳо | Истифодабарии пурра |
| 2 | Модули «Бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ» | Сардорон, муовини сардор, сардорони шуъбаҳо ва мутахассисони Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон, Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо | Азназаргузаронӣ |
| | | Сардорони шуъбаҳои бақайдгирӣ дар ВМКБ, Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе | Азназаргузаронӣ |
| | | Мудирони бахш ва мутахассисони бахшҳои бақайдгирӣ дар шаҳру ноҳияҳо (ба истиснои шаҳри Душанбе) | Истифодабарии пурра |
| 3 | Модули «Бақайдгирии воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ» | Сардорон, муовини сардор, сардори шуъбаҳо ва мутахассисони Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо, Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон | Азназаргузаронӣ |
| | | Сардорони шуъбаҳои баҳисобгирии даромадҳои мақомотҳои ҳудудии андоз (ба истиснои РААК ва нозиротҳои он) | Истифодабарии пурра |
| 4 | Модули «Бақайдгирии шахсони воқеӣ» | Сардорон, муовинони сардор, сардорони шуъба ва мутахассисони Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон, Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо | Азназаргузаронӣ |
| | | Сардорони шуъбаҳои бақайдгирии дар ВМКБ, Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе | Азназаргузаронӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Мудирони бахш ва мутахассисони бахшҳои бақайдгирӣ (ба истиснои шаҳри Душанбе), сардорони шуъба ва мутахассисони шуъбаҳои баҳисобгирии даромадҳои мақомоти ҳудудии андоз | Истифодабарии пурра |
| 5 | Модули «Бақайдгирии супорандагони андоз аз арзиши иловашуда» | Мутахассисони масъули Сарраёсати маъмурикунонии андоз дар асоси фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Истифодабарии пурра |
| 6 | Модули «Бақайдгирии мошинаи назоратӣ-хазинавӣ» | Мутахассисони масъули Сарраёсати назорати андоз ва сардорони шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз | Азназаргузаронӣ |
| | | Мутахассисони масъули Сарраёсати назорати андоз, шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони РААК ва нозиротҳои он дар вилоятҳо ва мақомоти ҳудудии андоз | Истифодабарии пурра |
| 7 | Модули «Бақайдгирии мактубҳои ахборотӣ» | Сардорон ва мутахассисони масъули Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо, Сарраёсати назорати андозҳо, Раёсати ситонидани қарзҳи андозҳо, сардорони Раёсатҳо дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва мақомотҳои ҳудудии андоз | Азназаргузаронӣ |
| | | Сардорони шуъбаҳои баҳисобгирии даромадҳои мақомотҳои ҳудудии андоз (ба истиснои шаҳри Душанбе) | Истифодабарии пурра |
| 8 | Модули «Бақайдгирии молу мулки ғайриманкул» | Сардор, муовини сардор, сардори раёсат, шуъба ва мутахассисони масъули Сарраёсати маъмурикунонии андоз, сардорони Раёсатҳо дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва мақомоти ҳудудии андоз | Азназаргузаронӣ |
| | | Сардорон ва мутахассисони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба шахсони воқеии мақомоти ҳудудии андоз | Истифодабарии пурра |
| 9 | Модули «Бақайдгирии воситаҳои наклиёт» | Сардор, муовини сардор, сардори раёсат, шуъба ва шахсони масъули Сарраёсати маъмурикунонии андоз, сардорони Раёсатҳо дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва мақомоти ҳудудии андоз | Азназаргузаронӣ |
| | | Сардорон ва мутахассисони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба шахсони воқеии мақомоти ҳудудии андоз | Истифодабарии пурра |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 10 | Модули «Бақайдгирии низомҳои андозбандӣ» | Сардорони шуъба ва гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии мақомоти худудии андоз | Истифодабарии пурра |
| 11 | Модули «Агентии омор» | Мутахассисони масъули Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардор ва мутахассисони масъули Раёсати таҳлил ва коркарди маълумотҳо | Истифодабарии пурра |
| 12 | Модули «Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа» | Мутахассисони масъули Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардор ва мутахассисони масъули Раёсати таҳлил ва коркарди маълумотҳо | Истифодабарии пурра |
| 13 | Модули «Идоракунии бақайдгирӣ» | Сардор, муовини сардор, сардори шуъба ва мутахассисони масъули Раёсати бақадгирии андозсупорандагон | Истифодабарии пурра |
| 14 | Модули «Идоракунии рӯйхати андозсупорандагони бемасъулият ва субъектҳои ба онҳо алоқаманд» | Мутахассисони масъули Сарраёсати бащисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо ва Раёсати бақадгирии андозсупорандагон | Истифодабарии пурра |
| 15 | Модули «Бақайдгирии иҷора» | Сардори Сарраёсати маъмурикунонии андоз, сардори шуъба ва мутахассисони масъули Раёсати низомҳои махсус, сардорони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба шахсони воқеӣ дар Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва сардорони мақомоти ҳудудии андоз | Азназаргузаронӣ |
| | | Сардорон ва мутахассисони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба шахсони воқеии мақомоти ҳудудии андоз | Истифодабарии пурра |
| 16 | Модули «Идоракунии лоиҳаҳои грантӣ» | Мутахассисони масъули КВД Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» | Истифодабарии пурра |
| 17 | Модули «Баҳисобгирии даромадҳо» | Сардорон ва мутахассисони сарраёсат ва раёсатҳои Кумитаи андоз, сардорон ва мутахассисони Раёсатщои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва сардорони мақомоти худудии андоз | Азназаргузаронӣ |
| 18 | Модули «Эъломияҳо» | Сардорон ва мутахассисони сарраёсат ва раёсатҳои Кумитаи андоз, сардорон ва мутахассисони Раёсатщои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва сардорони мақомоти худудии андоз | Азназаргузаронӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Кормандони шуъбаи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ | Истифодабарии пурра |
| 19 | Модули «Идоракунии эъломияҳо» | Сардорони шуъбаҳо (гурӯҳҳои) хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии мақомоти ҳудудии андоз | Истифодабарии пурра |
| 20 | Модули «Пардохтҳо» | Сардорон, муовинони сардор, сардори шуъба ва мутахассисони масъули Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо, Сарраёсати назорати андоз, Сарраёсати маъмурикунонии андозҳо, РААК ва нозиротҳои он дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва сардорони мақомоти ҳудудии андоз | Азназаргузаронӣ |
| | | Мутахассисони масъули Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо, сардорон ва мутахассисони шуъбаҳои баҳисобгирии дароматҳои мақомоти ҳудудии андоз | Истифодабарии пурра |
| 21 | Модули «Қабули пардохтҳо аз БДА “Амонатбонк”» | Мутахассисони масъули БДА ҶТ «Амонатбонк» ва Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо | Истифодабарии пурра |
| | | Сардорони нозирот, сардорони шуъбаҳо ва мутахассисони масъули шуъбаи баҳисобгирии даромадҳои мақомоти ҳудудии андоз | Азназаргузаронӣ |
| 22 | Модули «Хулосаҳо» | Сардорони шуъбаҳои баҳисобгирии даромадҳои мақомоти ҳудудии андоз | Истифодабарии пурра |
| 23 | Модули «Маъмурикунонии андоз аз арзиши иловашуда» | Мутахассисони масъули Сарраёсати маъмурикунонии андоз | Истифодабарии пурра |
| 24 | Модули «Маъмурикунонии андоз аз фоида» | Мутахассисони масъули Сарраёсати маъмурикунонии андоз | Истифодабарии пурра |
| 25 | Модули «Маъмурикунонии истифодабарандагон» | Мутахассисони масъули КВД Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» | Истифодабарии пурра |
| 26 | Модули «Бақайдгирии андозсупоранда дар утоқи шахсӣ» | Мутахассисони масъули КВД Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» | Истифодабарии пурра |
| 27 | Модули «Вобастакунии субъектҳо» | Сардорони шуъбаҳои баҳисобгирии даромадҳои мақомоти ҳудудии андоз | Азназаргузаронӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 28 | Модули «Иваз намудани буҷети субъект» | Сардорони шуъбаҳои бахисобгирии даромадҳои мақомоти худудии андоз | Истифодабарии пурра |
| 29 | Модули «Идоракунии хавфҳо» | Сардори шуъба ва мутахассисони масъули Сарраёсати назорати андоз | Истифодабарии пурра |
| 30 | Модули «Санҷиши андозҳо» | Сардор, муовини сардор, сардори шуъба ва мутахассисони масъули Сарраёсати назорати андоз ва шуъбаҳои санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андоз дар вилоятҳои ВМКБ, Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе | Истифодабарии пурра |
| 31 | Модули «Идоракунии қарзҳо» | Сардор, муовини сардор, сардори шуъба ва мутахассисони масъули Раёсати ситонидани қарзи андозҳо, сардорони шуъба ва мутахассисони шуъбаҳои (бахшҳои) ситонидани қарзи андозҳои Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе | Азназаргузаронӣ |
| | | Сардорон ва мутахассисони шуъбаҳои (бахшҳои) ситонидани қарзи андозҳо ва хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии мақомоти худудии андоз | Истифодабарии пурра |
| 32 | Модули «Идоракунии қарзҳои мушкилситон ва бахсӣ» | Сардор, муовини сардор, сардори шуъба ва мутахассисони масъули Раёсати ситонидани қарзи андозҳо, Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ | Азназаргузаронӣ |
| | | Мутахассисони масъули Раёсати ситонидани қарзи андозҳо ва Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо | Истифодабарии пурра |
| 33 | Модули «Идоракунии огоҳиномаҳо» | Мутахассисони масъули Сарраёсати маъмурикунонии андоз | Истифодабарии пурра |
| | Модули «Назорати камералӣ» | Сардор, муовини сардор, сардори шуъба ва мутахассисони масъули Сарраёсатҳои назорати андоз ва маъмурикунонии андозҳо, сардори РААК, сардори шуъбаи аудит ва сардорони нозиротҳои он дар вилоятҳо, сардорони Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва мақомоти ҳудудии андоз | Азназаргузаронӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 34 | | Сардори шуъба ва мутахассисони шуъбаи ташкили назорати камералии Сарраёсати назорати андоз, сардорони шуъба (бахшҳои) назорати камералии РААК, Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва мутахассисони бахшҳои хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорни инфиродии мақомоти худудии андоз | Истифодабарии пурра |
| 35 | Модули «Назорати муоинаи хронометраж» | Сардор, муовини сардор, сардори шуъба ва мутахассисони Сарраёсатҳои назорати андоз ва маъмурикунонии андозҳо, сардори РААК, сардори шуъбаи аудит ва сардорони нозиротҳои он дар вилоятҳо, сардорони Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва мақомоти ҳудудии андоз | Азназаргузаронӣ |
| | | Сардори шуъба ва мутахассисони шуъбаи муоинаи хронометражӣ ва санҷишҳои амалиётии Сарраёсати назорати андоз, сардорони шуъбаҳо ва мутахассисони масъули гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии мақомоти худудии андоз | Истифодабарии пурра |
| 36 | Модули «Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва баҳсҳои судӣ» | Сардор, муовини сардор, сардори шуъба ва мутахассисони Раёсати таъмини хуқуқ, сардорон ва мутахассисони шуъбаҳои (бахшҳои, гурӯҳҳои) таъмини ҳуқуқӣ ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз | Истифодабарии пурра |
| 37 | Модули «Аудити дохилӣ» | Сардор, муовини сардор, сардори шуъба ва мутахассисони Раёсати аудити дохилӣ | Истифодабарии пурра |
| 38 | Модули «Ҳисоботҳо ва таҳлилҳо» | Сардорон, муовини сардор, сардорони шуъба, гурӯҳ, бахшҳо ва мутахассисони сарраёсат ва раёсатҳои Кумитаи андоз, РААК ва нозиротҳои он дар вилоятҳо, Раёсатҳои андоз дар ВМБК, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, мақомоти худудии андоз | Истифодабарии пурра |
| 39 | Модули «Ҳуҷҷатгузории электронӣ» | Сардор, сардорони шуъба, мутахассисони Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ, коргузорони сарраёсату раёсатҳои Кумитаи андоз, Раёсатҳо дар ВМБК, | Истифодабарии пурра |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва мақомоти ҳудудии андоз | |
| 40 | Модули «Бақайдгирии электронии семинар-машваратҳо» | Сардорон, муовини сардор, сардорони шуъба ва мутахассисони масъули Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, сардорони шуъба ва мутахассисони масъули шуъбаҳои (гурӯҳҳои) хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз | Истифодабарии пурра |